# ТАҚРИЗ

ба автореферати Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика, ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи умумӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ" дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи унвонҷӯ яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он муҳити созгори таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон ва баргузории чорабиниҳои эҷодиву бадеӣ дар ин муассисаҳо муҳимтарин омили рушди салоҳияти эҷодкории хонандагон буда, барои ҳавасмандгардонии эҷодкорӣ ва навоварӣ дар байни хонандагон мусоидат менамояд.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ – амалӣ ва ташаккули арзишҳои шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ коркард, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқот аҳамияти баланд доштани ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагонро дар заминаи таҳсилоти муосир тасдиқ кардааст. Эҷодкорӣ омили асосии рушди шахсӣ, мутобиқшавии бомуваффақияти иҷтимоӣ ва касбӣ дар ҷаҳони босуръат мебошад, ки дар он тағйироти босуръати технологӣ ва иҷтимоӣ бартарӣ доранд ва эҷодкорӣ ба як маҳорати зарурӣ барои мутобиқшавӣ ва фаъолияти муваффақ табдил ёфтааст. Кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Раҳимӣ Комил дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон дастёб гаштааст:

- корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагиро ташкил медиҳанд, то андозае аниқ карда шудааст;
- ба талаботи афзояндаи ҷомеаи муосир оид ба рушди тафаккури эҷодӣ дар баробари азхудкунии донишҳои асосӣ ҷавобгӯ мебошад;

- имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагиро барои татбиқи равишҳои чандир ва методҳои инноватсионӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ нишон медиҳад;

- ба ташаккули шароитҳои педагогии самарабахш, ки ба рушди салоҳиятҳои эҷодӣ дар хонандагон мусоидат мекунанд, равона шудааст;

- муҳим будани ҳамкорӣ ва фаъолияти якҷояи тамоми ниҳодҳои ҷамъиятӣ, аз қабили муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, оила ва аҳли ҷомеаро дар самти кор бо хонандагони дорои салоҳиятҳои эҷодкорӣ ва дарёфти роҳҳои муассири рушди қобилиятҳои онҳо таъкид менамояд;

- дар амалияи педагогӣ ба таври васеъ ва мукаммал истифода намудани захираҳои иттилоотӣ-рақамиро пешбинӣ менамояд.

Қабл аз ҳама, месазад дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муааллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Раҳимӣ Комил, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштаашударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагиро ташкил медиҳанд. ки то андозае аниқ карда шудааст. Нақшаҳо ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Инчунин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳуриявӣ ва дохилиидоравӣ, маводҳои таълимӣ, таълимӣ – методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, адабиёти энсиклопедӣ ва маълумотномавӣ, натиҷаҳои таҳқиқотҳои ҷомеашиносӣ, мавод аз нашрияҳои даврӣ ва Интернет самаранок ва бомавқеъ, истифода шуданд.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Автореферат тибқи муқарраротиДастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, автореферат аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба монанди ғалатҳои техникиву имлоӣ орӣ нест, ки бартараф кардани он ба манфиати кор аст.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки ин камбудиҳо арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намекунанд ва диссертатсияи Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон рисолаи илмии Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳимро кори анҷомёфта ва дорои арзиши илмию назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Дар умум, кори таҳқиқотии Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ" ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика, ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи умумӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф — Собиров Сафарбек

02.12.2024

**Маълумот барои тамос:**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 15; Телефон: (992 372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

*«Имзои Собиров Сафарбекро тасдиқ мекунам»*

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ — Манучеҳр Ҳабибзода